# ВАЗИФАҲОИ ТЕХНИКИИ МУТАХАССИС ОИД БА ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ БАРОИ КОРМАНДОНИ ГУРУҲИ ИДОРАКУНИИ ЛОИҲА

## I. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

Ҳукумати Тоҷикистон аз Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ) барои татбиқи лоиҳаи "Модернизатсияи ҳифзи иҷтимоӣ ва фарогирии иқтисодӣ" грант ба маблағи 37,5 миллион доллари амрикоӣ гирифт.

Ҳадафи лоиҳа дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзи оилаҳои камбизоат ва осебпазир аз хавфҳо, мусоидат ба фарогирии иқтисодӣ ва такмили низоми ҳифзи иҷтимоӣ мебошад.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВММША) яке аз ду муассисаи татбиққунандаи лоиҳа - якҷоя бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад.

ВММША масъулияти умумӣ барои татбиқи ҳама чорабиниҳо дар доираи Қисмҳои 2 ва 4.2 лоиҳа, аз ҷумла ӯҳдадориҳои фидусиарӣ хоҳад дошт. Гуруҳи идоракунии лоиҳа (ГИЛ), ки дар дохили Вазорат таъсис дода мешавад, фаъолияти ҳаррӯзаи лоиҳаро пеш бурда, мусоидати техникӣ, молиявӣ ва харид, кафолатҳо ва равандҳои мониторинг ва арзёбии ду қисм (2 (2.1, 2.2, 2.3) ва 4 ( 4.2)) лоиҳаро ба уҳда мегирад.

## II. ҲАДАФИ ВАЗИФА

Мутахассиси мазкур барои татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва дигар ҷанбаҳои техникии системаи иттилоотӣ ва дастгирии фаъолияти ҳаррӯзаи ГИЛ масъул аст, аз ҷумла:

- Дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани шабакаи офиси дохилӣ ва берунии вазорат, аз қабили:
- Танзими серверҳои лоиҳа ё/ва компютерҳо
- Танзими шабакаи дохилии Лоиҳа
- Танзими Corporate KerioControl Firewall
- Насбкунӣ, конфигуратсия ва нигоҳдории Windows Server
- Насби сервери файл, конфигуратсия ва нигоҳдорӣ
- Нигоҳдории нармафзори зангҳои видеоӣ
- Васл, насб ва конфигуратсияи стансияҳои корӣ (~15 дона)
- Насб ва конфигуратсияи нармафзори истгоҳҳои корӣ;
- Таҳияи мушаххасоти техникӣ барои хариди таҷҳизот ва нармафзор дар доираи лоиҳа;
- Идора намудани барномаи «Муҳосиботии 1 С»;

- Ташкили чорабиниҳои таъминоти техникӣ ва нигоҳдорӣ барои рафъи мушкилоти техникӣ дар сатҳи марказӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ;
- Ташкили таҷдиди системаи иттилоотӣ тибқи талаботи Лоиҳа;
- Омӯзиши кор дар компютерҳои инфиродӣ ба истифодабарандагон (users), додани тавсия ва дастгирии онҳо
- Танзим ва таъмири тамоми техникаи компютерӣ ва таҷҳизоти идораи вазорат;
- Насб, конфигуратсия ва нигоҳдории тамоми таҷҳизоти нави шабакавии вазорат;
- Насб ва нигоҳдории барномаҳои почта;
- Насб ва нигоҳдории барномаҳои зиддивирусӣ ва дигар барномаҳои амниятӣ;
- Дигар супоришҳое, ки аз менеджери лоиҳа дода мешаванд.

## III. ҲАДАФИ ВАЗИФА

Мутахассис дар доираи лоиҳа татбиқи тадбирҳоро оид ба таҳия ва татбиқи қарорҳои техникӣ таъмин менамояд. Мутахассис бо гуруҳи таҳияи нармафзор, татбиқи нармафзор ва фурӯши таҷҳизот ҳамкорӣ менамояд. Илова бар ин, мушовир масъулиятҳои зеринро дорад:

 Ҳамкорӣ бо шарикон (мушовирон ва таъминкунандагон) бо мақсади пешниҳоди мушаххасоти нармафзор ва таҷҳизот;

 Омода ва/ё иштирок дар таҳияи вазифаҳои техникӣ ва шартҳои техникӣ;

 Ҳамоҳангсозии татбиқи нармафзор ва таҷҳизот;

 Назорат ва таъмини фаъолияти дурусти маҳсулоти нармафзор, ки мувофиқи талаботи аслӣ таҳия шудааст.

## IV. **ТАЛАБОТИ** ҲИСОБОТӢ ВА МУҲОСИБОТӢ

Мутахассиси технологияҳои иттилоотӣ дар ГИЛ дар давоми лоиҳа фаъолият намуда, ба менеҷери лоиҳа ҳисобот медиҳад.

## V. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ

- Маълумотӣ олӣ дар соҳаи информатика, математика ё соҳаи марбут;
- Таҷрибаи на камтар аз 2 сол дар соҳаи иттилоот, коммуникатсия ва технология дар созмонҳои давлатӣ ё байналмилалӣ;

- Таҷрибаи амиқ бо VMware, системаҳои оператсионии Microsoft ва инфрасохтори шабакавии Cisco;
- Дониш ва маҳорати идоракунӣ ва нигоҳдории базаҳои иттилоотӣ;
- Донистани забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, донистани забони англисӣ бартарият ҳисобида мешавад.

**Довталабон бастаи ҳуҷҷатҳои зеринро шахсан бояд пешниҳод намоянд:**

 Ариза барои қабули ҳуҷҷат ба номи Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

 CV ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бояд маълумоти пурра дар бораи таҳсил ва таҷрибаи корӣ дошта бошад)

 Тавсияномаҳо бо қайди рақамҳои тамос аз шахсони тавсиякунанда

 Нусхаи диплом дар бораи маълумоти олӣ

Нусхаи шаҳодатномаҳои таҳсилоти иловагӣ ё иштирок дар семинару тренингҳо

 Нусхаи шиноснома (ҷои бақайдгирӣ, ТИН)

Ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида бояд дар лифофаи пӯшида бо қайди вазифа ва номи номзад ба суроғаи зерин пешниҳод карда шаванд: ш. Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ 5/2, ба Раёсати ҳуқуқ ва сиёсати кадрҳо, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ ба рақамҳои зерин тамос гиред: +992 37 250 32 34 ё почтаи электронӣ: info@mehnat.tj

Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо то 21 сентябри соли 2023 то соати 16:00